Ҳисоботи
Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолият дар семоҳаи аввали соли 2019

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти худро дар асоси сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, инчунин тибқи талаботи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи вазифаҳои низомномавии худ тадбирҳои мушаххас андешида истодааст.

Иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №АП-1146 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ" зикр гардидаанд, дар мадди аввал қарор дошта, вобаста ба он аз 15 январи соли 2019, №6 фармоиши Раиси Кумита ба тасвиб расид, ки зимни он нақшаи чорабиниҳо иборат аз 32 банд таҳия гардида, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии паём ҷиҳати муайян намудани раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо мушаххас гардиданд.

Ҷиҳати иҷрои 8 банди Нақша - чорабиниҳои паём (14, 15, 18, 29, 30, 31, 32, 37), Кумита ба сифати иҷрокунандаи 2 ва 3-юм муайян гашта, аз тамоми иҷрокунандагон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маълумотҳои зарурӣ дастрас ва мавриди таҳлил қарор гирифта, аз натиҷаи он дар муҳлатҳои муқарраршуда ахборот ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешавад.

Инчунин, доир ба иҷрои 24 банд, ки вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба сифати иҷрокунанда муайян гардидаанд, Кумита дар асоси вазифаҳои низомномавии худ ҳамкориву ҳамоҳангсозиро ба роҳ гузошт.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таъмини иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 ва Протоколи ҷаласаи назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2018, №2к/39-24 чораҳои амалӣ андешида, дар асоси он фармоиши Раиси Кумита аз 6 июни соли 2018, №46

оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида, оид ба омодагӣ, корҳои сохтмону ободонӣ дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон, ки Раиси Кумитаи рушди маҳал ҳамчун роҳбари Гуруҳи корӣ оид ба таҳия ва амалӣ кардани нақшаи ободонию бунёдкорӣ ба муносибати 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста гардидааст, иҷрои корҳои муайянро ба роҳ мондааст.

Дар ин замина, Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар оид ба корҳои ободонию созандагӣ бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз 268 банд тасдиқ шуда, 156 банд аз ҷониби соҳибкорон (58,2 %), 37 банд аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ якҷоя бо соҳибкорон (13,8 %), 33 банд аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ (12,3 %), 19 банд аз ҳисоби маблағҳои мутамарказ (7,1 %), 15 банд аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ (5,6 %) ва 8 банд аз ҳисоби буҷети вилоят (3,0 %) дар назар дошта шудааст.

Барои корҳои ободонию созандагӣ дар шаҳри Бохтар мувофиқ ба Нақшаи чорабиниҳо сохтмони 6 адад муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таъмири асосии 9 адад муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, сохтмони 6 адад муассисаҳои томактабӣ, таъмири муассисаҳои томактабӣ 3 адад, сохтмони 5 адад марказҳои саломатӣ, 7 адад бунгоҳҳои тиббӣ, таъмири 3 адад маркази саломатӣ ва бунгоҳи тиббӣ, сохтмони 3 адад китобхона, 3 адад боғҳои фарҳангию фароғатӣ ва дилхушӣ, 2 адад бунёди боғу гулгашт, сохтмон ва таъмири 3 адад фаввора, 18 адад корхона ва коргоҳҳои истеҳсолӣ, таъмири 6 адад корхона ва коргоҳҳои истеҳсолӣ, сохтмони 29 адад биноҳои кумитаҳои маҳаллаи шаҳр, 10 адад утоқи кории нозирони минтақавии ШВКД, 14 адад марказҳои хизматрасонӣ (аз он 2 адад меҳмонхона), 44 адад биноҳои истиқоматии баландошёна, 28 адад иншооти варзишӣ (аз он 2 адад толори варзишӣ ва 12 адад ҳавзи шиноварӣ), 12 адад майдончаҳои бозии кӯдакона, 4 адад кошонаи ҳусн, 12 адад сартарошхона, 5 адад ҳаммом (аз он 1 адад марказӣ), 5 адад ошхона ва чойхонаи миллӣ, 60 адад азнавсозии нуқтаҳои партовҷамъкунӣ, чароғонкунии кӯчаҳо 15,8 км, азнавсозӣ ва таъмири роҳу роҳравҳо 38,1 км, сохтмони 2 адад пул, кашидани хатти қубурҳои оби нӯшокӣ 8,5 км, қуборҳои паспартоб 4,1 км ва дигар иншоотҳои инфрасохторӣ ба нақша гирифта шуда, иҷрои он дар мухлатҳои муайянгардида таҳти назорат қарор дорад.

Масъулини Кумита аз 15 то 17 январи соли 2019 ва аз 14 то 16 феврали соли равон бо мақсади муайян намудани таиноти заминҳо барои сохтмони иншооти ҷашнӣ, рафти сохтмони иншоот ва расонидани кумаки методӣ оид ба ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дар шаҳри Бохтар сафари хизматӣ анҷом додаast.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби роҳбарияти Кумита бо иштироки аъзоёни Гурӯҳи корӣ ва роҳбарони бахшу сохторҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ҷаласаҳо баргузор гардида, протоколҳо ва супоришҳои он таҳти назорат қарор доранд.

Бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2018, №АП-1140 ва банди 22 ҷадвали баргузории фестивал, намоиш, ид ва озмунҳои анъана ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021- ро ҷиҳати иҷро ба роҳбарӣ гирифта дар ин замина, Фармоиши Раиси Кумита аз 6 феврали соли 2019, №11 дар бораи иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2018, № АП-1140 ба тасвиб расида, руйхати ҳайат ва тақсимоти вазифаҳои аъзоёни гурӯҳи корӣ ва нақшаи – чорабиниҳои Кумита оид ба баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 тасдиқ гардидааст.

Вобаста ба иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2019, №16-10-3 низомнома, меъёрҳои муайян намудани ғолибон, руйхати ҳайат ва тақсимоти вазифаҳои аъзоёни гурӯҳи кории озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 ва меъёрҳои муайян намудани ғолибон оид ба боғҳои фарҳангию фароғатӣ, хиёбон ва бунёди гулгаштҳоро, таҳия намуда, ҳамзамон тибқи бандҳои 5, 6 ва 8-и Протоколи маҷлиси гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ оид ба баргузор намудани Озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 аз 15 феврали соли 2019, аз Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳоро оид ба номгӯи гулҳои оилаи лолагиҳо, гулҳои баҳорӣ, муҳлатҳои шинонидану шукуфтани гулҳо ва миқдори гулу гулбуттаҳои дар минтақаҳои мухталифи ҷумҳурӣ коридашударо дастрас намуда, дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи рассомони Тоҷикистон Рамзи озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» ва бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сенарияи даври ҷамъбастии он

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 таҳия намуда, ба аъзоёнии гуруҳи кории ҷумҳуриявии Озмун аз 7 марти соли 2019, №1/4-129 ва аз 15 марти  соли 2019, №1/4-285 ирсол карда шуд. Дар ин раванд санаи 11 марти соли 2019 муовини Раиси Кумита аз мавзеҳои баргузории Озмун аз ноҳияҳои шаҳри Душанбе дидан намуд.

Аз вазоратҳои кишоварзӣ, фарҳанг, кумитаҳои ҳифзи муҳити зист, телевизион ва радио, кор бо занон ва оила, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ", Федератсияи иттифоқҳои касаба, Иттифоқҳои рассомон ва дизайнерон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода, Ваҳдат, Ҳисор, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Варзоб, Шаҳринав маълумотҳоро оид ба корҳои анҷомдодаашон озмуни ҷумҳуриявии гулҳо дастрас намудаанд.

Ҷиҳати иҷрои талаботи боби 8-и низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тайёр намудани дипломҳо, тӯҳфаҳои хотиравӣ ва сипосномаҳо барои мукофотонидани ғолибони Озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 бо ҶДММ "Рухом" шартнома ба имзо расонида шудаанд.

Дар ин раванд, дар асоси маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода, Роғун, Ҳисор, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Варзоб, Шаҳринав ҷадвали баргузории Озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 таҳия гардид.

Вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии рушди маҳал таҳия ва пешниҳоди намунаи рамзи «Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони кумитаҳои рушди сайёҳӣ, телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои фарҳанг, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, иттифоқҳои рассомон ва дизайнерон ҷаласаи дуюми кории гуруҳи байнидоравиро рӯзи 8 феврали соли 2019 таҳти роҳбарии Раиси Кумита баргузор намуда, аз натиҷаи он протоколи дахлдор тартиб дода шуда, 10 намунаи рамзи «Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»-ро барои мувофиқа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон  пешниҳод намудааст.

Ҳамзамон, бо мақсади татбиқи сиёсати давлатии рушди маҳал тарғиб ва моҳияти солҳои 2019-2021 эълон гардидани «Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва асосҳои фаъолияти Кумита дар ин самт масъулини Кумита рӯзҳои 7 феврали соли 2019 дар телевизиони "Ҷаҳоннамо"ва "Сафина" рӯзҳои 20 январ ва 25 феврал дар телевизиони "Тоҷикистон" баромадҳо доир карданд.

Оид ба иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон  аз 6 марти соли 2019,  №АП-1176 дар бораи "Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" фармоиши Раиси Кумита ва нақшаи чорабиниҳо таҳия гардидааст.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019, №39 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019»-ро барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта, вобаста ба он нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда бо фармоиши Раиси Кумита аз 21феврали соли 2019, №19 тасдиқ намудааст.

Вобаста ба иҷрои банди 1 қарори мазкур ҷиҳати таъмини нишондиҳандаҳои стратегияву барномаҳо, дар самти истифодабарии самарабахши тамоми имконияту захираҳои мавҷуда, саривақт ва босифат аз худ намудани маблағҳои ҷудогардида, афзун гардонидани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ, инчунин назорати раванди ҳамоҳангсозӣ ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва фаъолияти самараноки корхонаҳои истеҳсолӣ Кумитаи рушди маҳал дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ маълумотҳоро дастрас ва таҳлил намуда, доир ба ҳалли мушкилот дар ин самт тавсияҳо пешниҳод намудааст.

Вобаста ба ин бо розигии Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2019, №327/24  ва Нақшаи кории Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассисони Кумита дар ноҳияи Варзоб иҷрои нишондодҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» ва барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро таҳлил намуд, ки дар мӯҳлатҳои муайянгардида  дар ҷаласаи сайёри ҳайати мушовара дар якҷоягӣ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои марказӣ баррасӣ гардида, аз натиҷаи он ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришҳои муфассал пешниҳод мегардад.

Тибқи тартиби муқарраршуда хулосаҳои Кумита:

- оид ба супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019, №1978(25-1) ва барқияномаи фаврии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2019, №2-322/80 ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти "Осоишгоҳи махсусгардонидашудаи барқарорнамоии саломатии беморон ба шакли бемориҳои дил дар ноҳияи Муъминобод", ҷудо намудани маблағ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва дар оянда

муассисаи мазкур фаъолияти худро ҳамчун муассисаи ҷумҳуриявӣ ташкил намудан ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҷиҳати таъмини иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №11969 ва мактуби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 2019, №1/12-9 (913) дар хусуси арзёбии миёнамӯҳлати лоиҳаи "Идоракунии оби бехатари ошомиданӣ ва беҳдошт" дар ноҳияҳои дахлдори вилоятҳои Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва Хатлонро мавриди баррасӣ қарор дода, оиди дастгирии лоиҳаи мазкур ва дар назарсанҷиҳо ҷиҳати амалишавии ин лоиҳа шомил намудани намояндаи Кумита ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2019, №1/4-127;

- иҷрои супориши Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2018, №447553(28-6) оид ба мактуби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аз 29 ноябри соли 2018, №1/2098 дар бораи дархости Раиси ноҳияи Шамсиддин Шоҳин аз 11 октябри соли 2018, №508/01 ҷиҳати ҷудо намудани майдони 0,40 гектар қитъаи замини чарогоҳ аз ҳисоби замини таҳрҳои №541, 542 ва қисми №796 хоҷагии деҳқонии "Баҳорак"-и ҷамоати деҳоти Саричашма барои сохтмони кашари нигоҳдории чорворо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи он ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2018;

- тибқи супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №448014 (28-3) оид ба ҷудо намудани қитъаи замин, барои васеъ намудани фонди замини наздиҳавлигии Ҷамоати деҳоти Ваҳдати ноҳияи Деваштичи вилояти Суғдро мавриди баррасӣ қарор дода, ба Кумитаи давлати идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 феврали соли ҷорӣ №1/4-94;

- бо мақсади иҷрои супориши Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2018, №44118(22.5) роҷеъ ба мактуби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 25 декабри соли 2018, №1/648 мавриди баррасӣ қарор дода аз натиҷаи он ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2019, №1/4-64;

- дар доираи ваколатҳои низомномавии Кумита, супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2019, №4412(28-6) ва Барқияномаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 24 январи соли 2019, №1/3-228/9(9.35) оид ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аз 20 декабри соли 2018, №1/2608 дар бораи дархости раиси ноҳияи Шамсиддин Шоҳин аз 7 декабри соли 2018, №588/01-06 ҷиҳати ҷудо намудани 3,0 гектар замини чарогоҳ барои ташкил намудани оромгоҳ (қабристон) барои аҳолии маркази ноҳия аз ҳисоби замини хоҷагии ҷангали "Шуробод" қитъаи 6, тарҳи к-1, мавриди баррасӣ қарор дода, ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- тибқи супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2019, №448529 (28-6) оид ба дархости Раиси ноҳияи Шамсиддин Шоҳини вилояти Хатлон аз 8 ноябри соли 2018, №542/01-06 ҷиҳати ҷудо намудани 0,90 гектар қитъаи замини боғи маҳалли аҳолинишин барои бунёд намудани боғи фарҳангӣ дар маркази ноҳияро мавриди баррасӣ қарор дода, ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2019, №1/4-118;

мутобиқи супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2019, №44371 (28-6) оид ба дархости Раиси ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон аз 17 декабри соли 2018, №1/508 ҷиҳати ҷудо намудани 1,0 гектар қитъаи замин бораи сохтмони зеристгоҳи барқии 35/10 кВ Ширкати саҳомию холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик" аз ҳисоби заминҳои роҳҳои чорвогузарро мавриди баррасӣ қарор дода, ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2019, №1/4-120;

- барқияномаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2019, №2/5-238(9,35) оид ба иҷрои супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2019, №2311(28-6) ҷиҳати ҷудо намудани 10 гектар замин барои ташкил намудани оромгоҳ дар ноҳияи Ҷалолидини Балхиро дар маҳал моҳиятан дида баромада ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2019, №1/4-109 ;

- бо мақсади иҷрои супориши Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2018, №447553(28-6) оид ба мактуби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аз 29 ноябри соли 2018, №1/2098 дар бораи дархости Раиси ноҳияи Шамсиддин Шоҳин аз 11 октябри соли 2018, №508/01 ҷиҳати ҷудо намудани майдони 0,40 гектар қитъаи замини чарогоҳ аз ҳисоби замини таҳрҳои №541, 542 ва қисми №796 хоҷагии деҳқонии "Баҳорак"-и ҷамоати деҳоти Саричашма

барои сохтмони кашари нигоҳдории чорворо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода,  аз натиҷаи он ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2018, пешниҳод гардидааст.

Ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2019, №16/10-9 бо мақсади сазовор истиқбол намудани ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ рӯзҳои шанбеи ҳар ҳафта то 21 апрели соли 2019 дар шанбегиҳо кормандони Кумита корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ, гулшинонӣ, тоза кардани утоқҳои корӣ ва атрофи бинои Кумита фаъолона ширкат намуда истодаанд.

Бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2019, №24/10-16 вобаста ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба категорияи шаҳрак мансуб донистани Ҷамоати деҳоти «Мурғоб»- маркази маъмурии ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон”- ро баррасӣ намуда, мактуб барои пешниҳод намудани камбудиву норасоиҳои муайянгардидаро мутобиқ ба талаботи банди 7 замимаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзию маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омода намуда, ба мақомоти иҷроияи маҳали ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияи Мурғоб аз 30 январи соли 2019, №1/4-62 ба  Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019, №1/4-26 ирсол намуд.

Дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 феврали соли 2019, №12241/26 дархости Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба номгузорӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ”-ро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи он хулосаи Кумита ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 2018, №26/10-179 доир ба баргузор намудани нишасти матбуотӣ бо намояндагони ВАО масъулини Кумита рӯзи 29 январи соли 2019 дар маркази итилоотии “Ховар ”нишасти матбуотӣ баргузор намуданд.

Оид ба иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2019, №16/10-20 дар бораи Нақшаи кори Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019,

нақша чорабиниҳо ва фармоиши Раиси Кумитаро таҳия намуда, аз ҷониби роҳбарият аз 8 феврали соли 2019, №13 ба имзо расонида шудааст.

Оид ба иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23 январи соли 2019, №4923(28-6) ва барқияи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 январи соли 2019, №2/5-329(9.35) вобаста ба дархости Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи сохтмони мактаб дар деҳаи Ҷӯйибодоми ҷамоати деҳоти Чортеппаи ноҳияи Рӯдакӣ, инчунин сохтмони хонаҳои истиқоматӣ барои хизматчиёни давлатӣ ва варзишгоҳ барои 4000 ҷойи нишаст дар маркази ноҳияи Ишкошим-ро мавриди баррасӣ қарор дода, хулосаи Кумитаро ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 5 феврали соли 2019, №1/4-72 пешниҳод намудааст.

Кумита баррасии натиҷаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Бохтар дар соли 2018, ки рузи 21 январи соли 2019 дар маҷлиси ҷамъбастии солонаи васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардиданд, дастрас намуда, барои таҳияи нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ба мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар аз 24 январи соли 2019, №1/4-48 мактуб ирсол намуда вобаста ба таҳияи нақшаи чорабиниҳо ёрии методӣ расонида, онро таҳти назорат қарор додааст.

Дар асоси мактуби Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулини Кумита ба донишҷуёни таҷрибаомӯз оид ба қонунҳо ва қарорҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронидаанд.

Асосҳои сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқии лоиҳаи такмилшудаи “Шакли намунавии пешниҳоди маълумот”-и ҷамъбастӣ вобаста ба рушди иҷтимоӣ-иҷтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар давраи 3,6,9 ва солона дар асоси Паёми нави Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2016-2020 ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ таҳия гардида, 26 феврали соли 2019 ба воҳидҳои сохтории Кумита гузаронида шуданд.

Аз рӯи ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи “Шакли намунавии пешниҳоди маълумот” дар се, шаш, нуҳ ва солонаи 2018, динамикаи нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар шакли ҷадвал тартиб дода шуда, мавриди таҳлил қарор гирифт.

Кумита, ҷиҳати иҷрои вазифаи низомномавии худ «Омодасозии пешниҳод ба ташаккули сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал, арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот», «Шакли намунавии пешниҳоди маълумоти ҷамъбастӣ, вобаста ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи ҳисоботии семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солона" такмил дода, бо дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2019, №348/24 ба суроғаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои иҷро ва корбарӣ ирсол намуд.

Дар заминаи таҳлили маълумотҳои пешниҳодгардидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маводи таҳлилӣ бо мактуби Кумитаи рушди маҳал аз 10 августи соли 2018, №1/5-235, аз 22 ноябри соли 2018, №1/5-343 ва аз 20 феврали соли 2019, №1/5-47 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид. Дар ин раванд, аз ҷониби Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супоришҳо дода шуда, масъалаи мазкур таҳти назорат қарор доранд.

Қатъномаи Конференсияи байниминтақавӣ дар мавзӯи "Рушди минтақаҳо ва таҳкими дӯстии халқҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон" байни Ҳукуматҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон тибқи расмиёти муайяншуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешниҳод карда шуда, баъди баррасӣ тибқи тартиби муқарраргардида ба Кумитаи рушди маҳал пешниҳод мегардад.

Барои иҷрои вазифаҳои низомномавии Кумита "Усули арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти шаҳру ноҳияҳо" таҳия гардида, тибқи фармоиши Раиси Кумита аз 20 феврали соли 2019 №18 тасдиқ карда шудааст.

Ҷиҳати иҷрои супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 марти соли 2018, №24/10-69, №24/10-70, №24/10-71, №24/10-72, №24/10-73 №24/10-78, №24/10-81 Кумита рафти иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрҳои Кӯлоб, Норак, ноҳияҳои Хуросон, А. Ҷомӣ, Қубодиён, Дӯстӣ, Рӯшон ва Роштқалъаро ба ҳолати 1 январи соли 2019 таҳлил намуда, бо мактубҳо аз 15.02.2019, №1/5-43 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз 22 феврали соли 2019, №3/5-114 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод намудааст.

Доир ба татбиқи “ Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” дар соли 2019 Нақша чорабиниҳои Кумита таҳия гардида, бо фармоиши Раиси Кумита аз 14 марти соли 2019, №26 тасдиқ карда шуд.

Барои дар сатҳи баланд гузаронидани таҳлили Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо санади меъёрию ҳуқуқӣ “Дар бораи тартиби гузаронидани мониторинг ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал” бо фармоиши Раиси Кумита аз 18 январи соли 2019 №3 тасдиқ гардид.

Бо мақсади иҷрои банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2019, №615 “Дар бораи қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” маълумотҳоро доир ба таҳлили Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба ҳолати 1 январи соли 2019 аз 27 феврали соли 2019, №1/5-117 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод карда шуданд.

Бо мақсади иҷрои саривақтӣ ва босифати супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дастури Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода аз 19 июли соли 2018, №2к/2-1 ва дар асоси фармоиши Вазири рушди иқтисод ва савдо аз 20 июли соли 2018, №47 инчунин фармоиши Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2018, №168 намояндаи масъули Кумита ба ҳайати Гурӯҳи кории Вазорат шомил шуда, вобаста ба мавриди таҳлил қарор додани вазъи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон аз 26 феврал та 1 марти соли 2019 сафарбар гардида, маълумоти таҳлилиро барои ҷамъбаст ва пешниҳод ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбари Гурӯҳи корӣ манзур намуд.

Натиҷаи таҳлили вазъи бамиёномада ва супоришҳои мушаххас доир ба таъмини рушди устувори минтақаи мазкур тибқи иҷрои Протоколи ҷаласаи сайёри Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи боздиди иншоот дар ноҳияҳои Муъминобод, Шамсиддин Шоҳин ва шаҳри Кӯлоб ва мулоқот бо роҳбарону фаъолони шаҳри Кӯлоб оид ба таҳия ва амалӣ намудани нақшаи ободонию бунёдкорӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз 22 августи соли 2018, №2к/62-24 ва Нақша

чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Қоҳир Расулзода, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Муъминобод, Шамсиддин Шоҳин, ва шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон аз 7 то 8 августи соли 2018 баён доштанд, таҳти роҳбарӣ ва иҷро қарор гирифта, амалӣ намудани бандҳои дахлдори он зери назорати доимии Кумита қарор дорад.

Бо мақсади таъмини иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2018, №227 "Дар бораи нақша чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 " Фармоиши Раиси Кумитаи рушди маҳал аз 5 сентябри соли 2018, №107 ба имзо расонида шуда, ҷиҳати татбиқи "Нақша чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020" Нақшаи амали Кумита тасдиқ гардида, Гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, иҷрои он таҳти назорат қарор дорад.

Тибқи банди 16 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2018, №227 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020" бо фармоиши раиси Кумита аз 26 феврали соли 2019 таъсис дода шудааст.

Ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2019, №11343(29-9) оид ба лоиҳаи ҳуҷҷатҳои ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ, пешниҳодҳо ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2019, №1/5-98 ирсол гардид.

Ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019, №458(22-9) оид ба ҳисоботи Миссияи Бонки Умумиҷаҳонӣ (аз 3 то 8 декабри соли 2018) пешниҳодҳо ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2019, №1/5-97 ирсол гардид.

Вобаста ба иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2019, №321/24 оид ба ҳамкорӣ бо Хазинаи Авруосиёгии Осиёи Марказӣ-Тоҷикистон (ХАОМ), мавод мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз 20 феврали соли 2019, №1/5-49 пешниҳодҳо ба Дастгоҳи иҷроияи Прездента Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ ба 3 лоиҳаи қонунҳо ва лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои ҳуқуқии Кумитаро омода намуда, ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод намуд. Аз ҷумла, ба лоиҳаи фармоиши Раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Низомномаи озмуни дастархоноройӣ” аз 4 январи соли 2019с., №1/6-04, лоиҳаи “Ёддошти тафоҳум дар соҳаи корҳои исломӣ “Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи дин, танзми анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои исломӣ, даъват ва иршоди Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар соҳаи корҳои исломӣ” аз 4 марти соли 2019, №1/6-124, инчунин ба лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” аз 18 марти соли 2019, №1/6-288 пешниҳод гардидаанд.

Бо мақсади ташаккули сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал, такмили низоми идоракунии маҳаллӣ, такмил ва таҳкими асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва молиявию иқтисодӣ инчунин таҳкими низоми идоракунии маҳаллӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва муайян намудани ҳуқуқу ухдадориҳои дастгоҳи ҷамоату шаҳраку деҳот лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани илова ба “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” таҳия намуда, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон тибқи тартиби муқарраршуда ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд. Вобаста ба ин масъала қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №92 қабул гардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2019, №1598 ба имзо расид.

Оид ба иҷрои супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2019, №25140 (26.7) оид ба Нақша-чорабиниҳои оммавӣ-варзишӣ, солимгардонӣ ва машқҳои пагоҳирӯзӣ таҳти унвони “Зебоӣ, тавоноӣ ва доноӣ аз варзиш аст” фармоиш ва Нақша-чорабинии Кумита аз 08 феврали соли 2019, № 12 таҳия ва тасдиқ гардида, рӯзи 7 март соли ҷорӣ кормандони Кумита дар машқҳои мазкур, ки дар боғи фарҳангию фароғатии ба номи устод Садриддин Айнӣ муайян гардидааст, фаъолона иштирок намуданд.

Бахри иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2019, №25203(26-7) вобаста ба баргузор намудани чорабиниҳои оммавӣ варзишӣ ва солимгардонӣ ба

ифтихори таҷлили сазовори Иди байналмилалии «Наврӯз» дар майдончаи варзишӣ ва бозии кӯдакон дар шаҳраки 164, воқеъ дар кучаи Пушкин 2,4,6 ва 8-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе рӯзи 20 марти соли 2019 ва дар шаҳраки 114 назди бинои истиқоматии 15 ва16 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе рузи 23 марти соли ҷорӣ чорабиниҳои варзиширо бо иштироки ҷавонон ва наврасони маҳаллаи мазкур баргузор намуда аз натиҷаи он ба роҳбарияти Кумита ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот аз 27 марти соли 2019, №11/206 пешниҳод намуд.

Дар семоҳаи аввали соли 2019 барои баланд бардоштани сатҳи дониши касбӣ, маърифати ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаи хизмати давлатӣ аз дар ҳамкорӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳои омӯзишӣ, такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ аз рӯи барномаҳои вобаста ба соҳаи хизмати давлатӣ 4 нафар мутахассисони Кумита иштирок намуда, донишу малакаи худро баланд бардоштанд.

Дар асоси Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 тасдиқ шудааст, барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ҷиҳати таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматчиёни давлатии маъмурӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои баландихтисос, салоҳиятнок дар хизмати давлатӣ, таъмини болоравии касбии хизматчиёни давлатӣ 3 нафар мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос бо тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии Кумитаро ишғол намуда, аз рӯи Низомномаи Кумита, дастурамали мансабӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ фаъолияти кории худро пеш бурда истодаанд.

Ҷиҳати иҷрои моддаи 31 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005, №289 «Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволи хизматчии давлатӣ», инчунин бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №36/10-15 аз 29.01.2019, мактуби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №04-150 аз 22.01.2019 ва фармоиши Раиси Кумита №8 аз 17 январи соли 2019 санаи 7 феврали соли 2019 дар толори Кумита машғулияти идоравӣ баргузор карда шуда иҷрои он дар муҳлатҳои муқарраргардида таъмин карда шуд. Дар машғулияти номбурда оид ба тартиби пур кардани эъломия оид ба андоз аз даромад ва

эъломия оид ба вазъи амволи хизматчии давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, маълумотномаҳои музди меҳнати кормандон дар соли 2018 омода гардида, дастраси кормандон гардонида шуд.

Дар ин давра, тибқи тартиби муқарраргардида маълумотҳои зарурӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд. Ҳамзамон оид ба эъломияҳои пешниҳоднамудаи кормандон ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод карда шуд.

Бо мақсади ҷамъоварӣ ва коркарди автоматии ҳисоботи омории соҳаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 “Дар бораи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” маълумоти пурраи кормандон ба Феҳристи хизматчиёни давлатӣ пурра ба итмом расонида шуда, мунтазам тағйиротҳо ба феҳрист ҷой дода мешаванд.

Бо мақсади иҷрои банди 3.20 Нақшаи кории Кумита барои нимсолаи дуюми соли 2018 ва сархати 2 банди 7-и қарори ҳайати мушовараи Кумита №3/2 аз 18 июли соли 2018, ки Фармоишҳои Раиси Кумита аз 11.06.2018, №51 ва №56 аз 24 июли соли 2018 ба тасвиб расидааст, аз санаи 5 ноябри соли 2018 то 25 январи соли 2019 омӯзиши курси забони англисӣ дар Кумита баъд аз соатҳои корӣ ба роҳ монда шуда, кормандон дар ду гуруҳ ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд.

Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1339 «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», фармоиши Раиси Кумита аз 6 марти соли 2017, №28 ба тасвиб расонида шуда, ҳар ҳафта рӯзҳои шанбе шаҳрвандон қабул карда мешаванд. Оид ба ташкил тартиби ҳуҷҷатгузорӣ, таъмини қабули шаҳрвандон дар қабулгоҳҳои раис, муовинони раис ва сардорони раёсатҳо ба танзим дароварда шуда, дафтарҳои бақайдгирии шаҳрвандон дар қабулгоҳҳо ташкил карда шуда, зери назорати мунтазами роҳбарияти Кумита қарор дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи роҳбарияти Кумита 26 нафар шаҳрвандон шифоҳӣ қабул карда шудаанд.

Ҳамзамон, ба Кумита 3 адад муроҷиатҳои хаттӣ ворид шудаанд. Муроҷиатҳо асосан оид ба оид ба ташкили боғ, дастгирии лоиҳаҳо вобаста ба гузаронидани оби ошомиданӣ ва расонидани кӯмакро дарбар мегиранд, ки ҳамаи онҳо дар асоси муқаррароти Қонун баррасӣ карда шудаанд.

Доир ба чараёни иҷрои супоришҳои протоколии маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, мактуб ва барқияҳои телефонии Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳо, қарори ҳайати мушовара ва дастуру супоришҳои Раиси Кумита сари вақт ва дар муҳлатҳои муқарраргардида ба мақомотҳои дахлдор ҷавобҳои мушаххас гардонида шудаанд.

Дар ин давра ба Кумита 69 мактубҳои назоратӣ, ки аз онҳо 3 – Фармону Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 – қарор ва фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 - Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 - Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 - Нусха аз протоколи маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 - Барқияи ҳукуматӣ, 1 – Фармоиши Раиси Кумита, 3 - Протоколи маҷлисҳои кории назди Раиси Кумита, 10 – нусха аз Протоколи маҷлиси ҳайати мушовараи Кумита ва 3 – адад аз вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шуда, дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ба онҳо варақаҳои назоратӣ тартиб дода шудааст. Инчунин аз натиҷаи иҷрои супоришҳои назоратӣ ба мақомотҳои дахлдор мактуби ҷавобии Кумита ирсол гардида истодааст.

Дар ин давра ба Кумита 666 (соли 2018 – 641) ҳуҷҷатҳо ворид гардидааст, аз он ҷумла: Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 3 (соли 2018 – 3) адад, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 10 (2018 – 2) адад, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 22 (2018 – 17) адад, Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 (2018 – 4) адад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2 (2018 – 1) адад, қарори маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 (2018 – 4) адад, нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 13 (2018 – 28) адад ва 114 (2018 – 118) адад мактуб ва 11 (2018 – 19) адад барқияи ҳукуматӣ аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 59 (2018 – 21) адад барқияҳои телефонӣ аз вазорату идораҳо, 245 (2018 – 186) мактуб аз вазоратҳо, кумитаҳо ва дигар мақомотҳо, 185 (2018 – 236) мактубҳо аз вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ ворид шудааст.

Аз тарафи кормандон 32(2018 – 32) адад фармоишҳои Раиси Кумита таҳия ва ба тасвиб расонида шуда, инчунин 387(2018 – 268) адад мактуб аз ҷумла: 76 (2018 – 76) мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 311 (2018 – 192) адад ба вазорату кумитаҳо, мақомотҳои иҷроияи маҳаллӣ, корхона ва ташкилотҳои далдор ва шаҳрвандон содир карда шудаанд.

Ҳамзамон, аз ҷониби Кумита 1 адад протоколи ҷаласаи ҳайати мушовара, 1 адад протоколи ҷаласаи кории байниидоравӣ, 4 адад

протоколи ҷаласаи гурӯҳи кории Кумита оид ба баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии гулҳо:"Сайри гули лола" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 -2021, 6 адад протоколи маҷлиси васеи кории назди Раиси Кумита ба қайд гирифта шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Раёсатҳо, шуъбаҳо ва бахши молиявию баҳисобгирӣ ба унвонии роҳбарияти Кумита 215 адад гузоришҳо омода гардида, тибқи тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шуда, ба шахсони масъул дастрас карда шудааст.

Инчунин, дар ин давра, 72 адад фармоишҳо "Оид ба ҳайати шахсӣ" ба имзо расонида шуд. Аз ҷумла: 50 адад оид ба сафари хизматӣ сафарбар намудани кормандон, 8 адад вобаста ба рухсатиҳои меҳнатӣ, ҳомиладорӣ ва бозхонд аз рухсатиҳои меҳнатӣ, 14 адад оиди таъин ва озод намудани кормандонро дарбар мегирад.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои дастуру супоришҳоро, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумита ворид мегарданд, дар муҳлатҳои муқарраргардида таъмин намуда, вобаста ба иҷрои вазифаҳои низомномавии худ пайваста тадбирҳо меандешад.